**“Тасдиқ мекунам”**

Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ доктори илмҳои таърих, профессор

_______________ Убайдуллоев К.Н.

«___» ________________ соли 2019

# ХУЛОСАИ

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи номзадии аспирант Нурматзода Ҳасан «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – “Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ”.

Диссертатсияи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» дар шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст.

Соли 2013 Нурматзода Ҳасан шуъбаи рӯзонаи факултети фархангшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро бо дипломи аълочӣ хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси “кори музей ва ҳифзи ёдгориҳо” гардидааст.

17-уми сентябри соли 2019 аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи №612 дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шуд, ки чунин аст: 30 ноябри соли 2018 аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) баҳои “хуб” (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23- 401 аз 30.11. 2018 тасдиқ шудааст), 17 июни соли 2019 аз фанни забони русӣ баҳои “аъло” (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23- 216 аз 17.06. 2019 тасдиқ шудааст), 18 июни соли 2019 аз фанни таърих ва фалсафаи илм баҳои “хуб” (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23- 229 аз 18.06. 2019 тасдиқ шудааст), 28 июни соли 2019 аз фанни таърихи халқи тоҷик “аъло” (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №9-к аз 28.06.2019 тасдиқ шудааст), 26 августи соли 2019 аз фанни таърихи умумӣ “хуб”

(суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №10 – Ф аз 26.08.2019 тасдиқ шудааст).

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих Қобилова Бахринисо Тӯйчиевна.

Рисолаи илмии аспирант Нурматзода Ҳасан дар шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод карда шудааст. Дар муҳокима докторҳои илуми таърих Раҷабов А., Додхудоева Л., Қобилова Б.Т., Иброҳимов М., Раҳимов С. (дактори илми фалсафа, фарҳангшинос), номзадони илмҳои таърих Зубайдов А., Ҳасанова М., Табаров М., Ғафуров А. ва ходими илмӣ Шовалиева С. ширкат намуданд.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Рисолаи Нурматзода Ҳасан ба омӯзиши яке аз масъалаҳои актуалии муосир – таҳқиқи созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Тоҷикон соҳиби таъриху фарҳанги бостонӣ буда, аз давраҳои қадим дар офариниш ва такмилу густариши созҳои мусиқӣ нодиракориҳои зиёде кардаанд, ки имрӯз маҳсули пурарзиши эҷодии онҳо дар осорхонаҳои бузурги ҷаҳон ва Тоҷикистон нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Як қисми асосии чунин мероси таърихию фарҳангии коллексияҳои созҳои мусиқӣ, ки дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ мешаванд, ҷузъи таркибӣ ва муҳими коллексияҳои осорхонаҳо ба шумор рафта, дарвоқеъ, дар таҳқиқи илмӣ, инчунин барои баланд бардоштани маърифати мусиқии мардум ва завқи зебопарастии ҷомеа, таблиғи таърихи пайдоиш ва рушди мусиқӣ нақши арзанда доранд. Барои ҳамчун осори фарҳангӣ ва оммавӣ-маърифатӣ самаранок мавриди истифодаи васеъ қарор додани коллексияҳои созҳои мусиқии тоҷик, ки дар осорхонаҳо маҳфузанд, омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои равшан сохтани санъати мусиқии халқи тоҷик аз давраҳои бостон ва қарнҳои миёна то рӯзҳои мо аҳамияти ниҳоят калонро молик ҳастанд.

Бинобар ин, ҷиҳати омӯзиш ва муаррифии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошад. Баланд бардоштани дарк, савия ва завқи мусиқишунавии мардум яке аз шартҳои муҳими боло бурдани фарҳанги онҳо ва дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва

ватанпарастӣ тарбия кардани аҳли ҷомеа, ба хусус насли ҷавони оянддасози Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимон, ки доир ба таърихи созҳои мусиқии мардуми тоҷик ба хусус дар иртибот бо коллексияҳои фонди осорхонаҳо таълиф гардидаанд, ташкил медиҳанд. Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии рисолаи мазкур асарҳои муҳаққиқон Раҷабов А., Нурҷонов Н. Ҳ., Кароматов Ф., Андреев М. С., Беляев В.М., Миронов Н., Ранов В. А., Қобилова Б. Т., Пулатов У. П., Литвинский Б. А., Пичикян И. Р., Вызго Т.С., Бубнова М., Ғуломова Э., Низомӣ А., Ҳакимов Н.Ғ, Вертков К.А., Благодатов Г., Язовитская Э., Ҷонизода Т.М., Маҳмадамонов Х., Низомов Х., Нуров Г.З., Сайнаков С. П., Шарифзода Ф., ва дигарон ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст коллексияҳои созҳои мусиқии ҳамаи осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври махсус ва ҷомеъ омӯхта шудаанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ аввалин маротиба шумораи умумии онҳо муайян карда шуда, барои ҳар яки он шиноснома тартиб дода шудааст. Бар замми ин, нахустин маротиба тавассути таҳқиқоти мазкур Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон дар мавридҳои зерин истифода намуд:

-дар таълифи асарҳои ҷомеъ оид ба масъалаҳои таърихи санъат ва фарҳанги халқи тоҷик;

-дар навиштани асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи рушди созҳои мусиқии тоҷик;

-ҳамчун манбаи таълимӣ дар дарсҳои тахассусии макотиби олии ҷумҳурӣ доир ба фарҳанги халқи тоҷик, мусиқӣ, осорхонашиносӣ, мардумшиносӣ.

Инчунин, аз рӯи мавзӯи рисолаи илмӣ 6 мақола, аз он ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Таркиби рисола аз муқаддима, ду фасл, чор зерфасл, хулоса, рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияту нававарии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд.

Боби якуми рисола унвони **"Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик"-** ро гирифта, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли якум **“Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик”** таърихи омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқии тоҷик дар осорхонаҳои Федератсияи Россия ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар фасли дуюм **“Омӯзиши созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Тоҷикистон”** бошад омӯзиши бархе аз созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистон дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил гардидааст.

Боби дуюми рисола **“Коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик”** буда, дар зерфасли якуми он **“Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии коллексияҳои асбобҳои мусиқӣ”** фаъолияти осорхонаҳо дар кори гирдоварӣ, сабт, нигоҳдорӣ ва оммавигардонии созҳои мусиқии тоҷик муайян карда шудааст.

Таҳқиқоти зерфали дуюми боби мазкур **“Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва Хатлон”** доир ба коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои зерфасли мазкур анҷом дода шудааст. Умуман дар боби дуюм роҳҳои гуногуни гирдоварӣ, ҳифз ва омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик дар осорхонаҳо дақиқ баррасӣ шудааст.

Дар хулосаи рисола аспирант натиҷаҳои таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши созҳои мусиқии коллексияҳои фонди осорхонаҳои Тоҷикистон хело зарур буда, барои омӯзиши таърихи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик ба хусус таърихи пайдоиш ва рангорангии созҳои мусиқии мардуми тоҷик аҳамияти калон дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба кори анҷомдодаи Нурматзода Ҳ. метавон гуфт, ки аспирант кӯшиш кардааст, ки коллексияҳои созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистонро дар асоси асноди бойгониҳои фонди осорхонаҳо ва дигар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқи мукаамал қарор диҳад. Яъне рисола таҳқиқоти онҷомнаёфтаи илмӣ буда, вазифаҳои гузошташудаи он ба хубӣ ҳал шудаанд.

Рисолаи номзадии аспирант Нурматзода Ҳасан «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» мутобиқ ба иҳтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шуда, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вароиш ба талаботи муқаррар намудаи Дастури КОА Дастгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст ва онро метавон барои дифоъ пешниҳод намуд.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 июни соли 2019 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 10 нафар иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

"тарафдор" - 10 нафар;

"муқобил" – нест;

"бетараф" – нест.

Суратҷаласаи №6 аз 10 июни соли 2019.

Мудири шуъбаи таърих
ва назарияи санъат,
доктори илмҳои таърих,
профессор Раҷабов А.

Имзои д.и.т. А. Раҷабовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо